«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров,
профессор Усмонзода А.И. ____________
"_20_____ _10_______ 20_23_ с.

# ХУЛОСАИ

**кафедраи таърихи халқи тоҷик факултет таърих ва ҳуқуқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» доир ба диссертатсияи унвонҷӯ Кароматуллои Хайруллозода дар мавзӯи "Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Хайруллозода Кароматулло дар мавзӯи **"Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)"**, аз рӯи ихтисоси 07.00.02. таърихи ватанӣ(таърихи халқи тоҷик) омода гардидааст.

Дар марҳалаи омода намудани диссертатсия унвонҷӯ Хайруллозода Кароматулло ҳамчун унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров фаъолият намуд. Ҳамчунон ба ҳайси муаллими кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ фаъолият бурдааст.

Хайруллозода Кароматулло соли 2016 факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро аз рӯи ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст.(21 июни соли 2016,ДТО№0189519)

Шаҳодатномаи №45 дар бораи супоридани имтиҳони номзадӣ аз фанни таърих ва фалсафаи илм санаи 18 октябри соли 2018 ва Шаҳодатномаи №88 барои супоридани имтиҳони номзадӣ аз фанни забони

англисӣ аз ҷониби МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дода шудааст.

Шаҳодатномаи Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи археология, этнография ва диншиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи диссертатсионӣ дар мавзӯи **“Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)”**, кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба чунин омад:

Рисолаи диссертатсионии Кароматуллои Хайруллозода ба мавзӯи хеле мухим ва актуалӣ бахшида шудааст ва мубрамияти мавзӯъ чунин муайян карда мешавад:

- ташаккули манзараи ҳамаҷонибаи илмӣ оид ба омӯзиши таърихи тадқиқоти бостоншиносӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ;

- зарурати омӯзиши таърихи фаъолияти экспедитсияҳои бостоншиносӣ дар Тоҷикистон, ҳамчун падидаи махсуси иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва таърихӣ;

- фаъолгардонии дарки равандҳои таърихӣ, азхудкунии механизмҳои пайдоиш ва инкишофи падидаҳои алоҳида дар гузашта ва ҳозира бо иқтидори амиқи маънавиёт ва дониш, пур кардани фазои бостоншиносӣ ва илми таърих;

- аҳамияти омӯзиши таърихи бостоншиносии тоҷик, ки имкон медиҳад, қолабҳои пайдоиш ва тағирёбии самтҳои гуногуни илмӣ ва мактабҳое муайян карда шаванд, ки ба дарки амиқи гузаштаи халқҳо, фарҳанг, эътиқод, таҷрибаи истеҳсолии онҳо мусоидат намоянд.

**Ҳадафи асосии рисола** - баррасии хронологӣ ва таҳлили натиҷаҳои илмии ҳафриётҳои бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ мебошад, ки дар давраи шӯравӣ (1929-1989) дар ҷараёни таҳқиқоти саҳроӣ аз ҷониби кишваршиносони маҳаллӣ ва бостоншиносон, дастаи экспедитсияи бостоншиносии Суғдӣ-тоҷикӣ (ЭБСТ), Экспедитсияи бостоншиносии Тоҷикистон (ЭБТ) ва Экспедитсияи Маҷмаавии бостоншиносии

Тоҷикистони Шимолӣ (ЭКБТШ) тахти роҳбарии академик Н. Н. Неъматов кашф ва омӯхта шудааст.

Барои ноил шудан ба ҳадафи мазкур дар диссертатсия вазифаҳои зерин ҳал карда шуданд:

- муайян кардани заминаҳои ташаккули бостоншиносӣ ҳамчун самти нави илмӣ дар Тоҷикистон;

- муайян кардани пайдоиш ва самти мушаххаси таҳқиқоти бостоншиносӣ дар қаламрави Тоҷикистони Шимолӣ (вилояти Суғди ҳозира);

- таҳлили мақсадҳо, вазифаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти бостонӣ дар минтақаҳои шимолии Тоҷикистон;

- ҷамъоварӣ ва омӯзиши пойгоҳи сарчашмавӣ, ки дорои маълумот дар бораи фаъолияти олимон ва ташкилотҳои илмӣ, аз ҷумла бойгонӣ ва маводи нашршуда мебошад;

- муайян кардани заминаи омӯзиши маъхазҳо, хусусияти истифодаи маъхазҳои бостонӣ, усулҳои хоси таҳқиқи далелҳои бостонӣ;

- муайян кардани марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди илми бостоншиносӣ дар Тоҷикистон;

- нишон додани мураккабӣ ва мутобиқати фаъолияти экспедитсияҳо ва гурӯҳҳои бостоншиносӣ дар минтақаҳои шимолии Тоҷикистон;

- арзёбӣ кардани саҳми олимони барҷаста - бостоншиносон дар ташаккул ва рушди таҳқиқоти бостоншиносӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ;

- таҳлили таърихнигорӣ ва муайян кардани самтҳои асосии омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ бо тартиби хронологӣ;

- муайян кардани аҳамияти маводи бостоншиносии ҷамъшуда ва зарурати татбиқи он барои тартиб додани харитаи бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ ва дар маҷмӯъ барои рушди илми таърихи ватанӣ.

**Пойгоҳи манбаи таҳқиқотро** манбаъҳои гуногун ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ҳисоботҳои солонаи роҳбарии дастаҳои бостоншиносӣ,маводи ВАО ва маводи саҳроӣ (мусоҳибаҳо) ташкил медиҳанд.

Қисми зиёди пойгоҳи манбавиро маводи ҳуҷҷатҳои ибтидоии ҳисоботӣ оид ба таҳқиқоти бостоншиносӣ (ҳисоботҳо, рӯзномаҳои саҳроӣ, нақшаҳо, тасвирҳо, инвентаризатсияи бозёфтҳо, аксҳо, расмҳо) ташкил доданд, ки тасаввурот дар бораи экспедитсияҳо, ташкили онҳо, натиҷаҳои ҷустуҷӯҳои бостоншиносӣ ва кофтуковҳо дар бораи қаламрави таҳқиқшуда, усулҳои кори бостоншиносон имкон фароҳам овард.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқро асарҳои илмӣ-назариявии муҳақиқи ватаниву хориҷӣ оид ба паҳлӯҳои мухталифи таърихи ҳафтриётҳои бостоншиносии шимоли Тоҷикистон дар солҳои 1929-1989 ташкил медиҳад. Муҳақиқ мубрам будани омӯзиш,таҳлили мавзӯи мазкурро дар замони муосир таъкид намуда, роҳҳои боз ҳам таҳқиқи фарогир намудани таърихи омӯзиши археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар замони Шӯравӣ (солҳои 1929-1989)-ро нишон додааст.

**Чаҳорчӯбаи хронологии таҳқиқот** бо ҳадафҳои таҳқиқот - омӯзиши раванди рушди бостоншиносӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ дар як давраи муайяни таърихӣ, аз ҷумла солҳои 1929-1989 муайян карда мешавад. Санаи аввал бо шомил шудани ноҳияи Хуҷанд (минтақаи омӯзиши ин рисола) ба ҳайати АИ ҶШС Тоҷикистон ва ташкил ёфтани ҶШС Тоҷикистон марбут аст. Санаи ҷамъбастӣ - соли пош хурдани Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ Сотсиалистӣ мебошад.

**Навоварии илмии пажӯҳиш** дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал дар илми таърихшиносии ватанӣ маҷмӯаи муфассал, ҳамаҷониба ва муназзами таърихшиносии омӯзиши таърихи ёдгориҳои бостоншиносии Тоҷикистони Шимолиро дар давраи солҳои 1929 - 1989 дар асоси омӯзиши фаъолияти Экспедитсияи бостоншиносии Суғдӣ-тоҷикӣ (ЭБСТ), Экспедитсияи бостоншиносии Тоҷикистон (ЭБТ) ва Экспедитсияи Маҷмаавии Бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (ЭКБТШ) ба амал омадааст.

Дар заминаи гуфтаҳои боло бори аввал дар илми таърихшиносии ватанӣ масъалаҳои зерин ҳамаҷониба ҳал карда мешаванд:

- марҳилаҳои асосии таҳқиқоти бостоншиносӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ дар давраи солҳои 1929-1989 асри XX;

- таърих ва самтҳои асосии фаъолияти экспедитсияҳо ва дастаҳои бостоншиносӣ дар қаламрави Тоҷикистони Шимолӣ;

- дастовардҳои илмии фаъолияти экспедитсияҳо ва дастаҳои бостоншиносӣ оид ба омӯзиши ёдгориҳои бостонии Тоҷикистони Шимолӣ;

- муайян кардани мавзеъҳои асосии бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ дар давраи шӯравӣ (солҳои 1929-1989).

Ин тадқиқот аввалин кӯшиши таҳлили ҳамаҷонибаи раванди омӯзиши мавзеъҳои бостоншиносии қаламрави Тоҷикистони Шимолӣ на танҳо бо мақсади муайян кардани дараҷаи омӯзиши онҳо дар ҷанбаи бостоншиносӣ, балки муайян кардани сатҳи аҳамияти маводи бостоншиносӣ дар равшан кардани мушкилоти давраҳои қадим, ибтидои асрҳои миёна ва асрҳои миёнаи таърихи халқи тоҷик мебошад. Ин равиш ба муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди илми бостоншиносӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмии муаллиф ба мӯҳтавои диссертатсия ва автореферати он мувофиқат менамояд.

**Феҳристи интишороти илмии унвонҷӯ - довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1] **Хайруллозода К.** К истории изучения раннесредневековых замков Уструшаны //Ученые записки Худжандского государственного университета имени Б.Г.Гафурова. Гуманитарные науки. №4(57). - Худжанд, 2018. - С.29 – 33.ISSN 2077-4990

[2]. **Хайруллозода К.** Городище Ширин: История и перспективы изучения //Ученые записки Худжандского государственного университета имени

Б.Г.Гафурова. Гуманитарные науки. №2(59). - Худжанд, 2019. - С.51 – 58.ISSN 2077-4990

[3].. **Хайруллозода К.** Академик А.П.Окладников – исследователь памятников первобытной истории Северного Таджикистана //Вестник Таджикского национального Университета №10 (часть 2). - Душанбе, 2019. - С. 8-11. ISSN 2074-1847.

[4]. **Хайруллозода К.** Этапы археологического изучения Северного Таджикистана в советский период (1929-1989гг.) //Вестник Таджикского национального Университета №, . - Душанбе, 2020.- С.. ISSN 2074-1847.

**Мақолаҳои дар дигар нашрияҳои илмӣ ба табърасида:**

[5].. **Хайруллозода К.** Аз таърихи омӯзиши оташкадаҳои Осиёи Марказӣ: Оқтепаи ноҳияи Спитамен // Маводи конференсияи илмӣ-методии минтақавии «Масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи насли наврас дар системаи таҳсилоти муосир». - Меҳробод: «Зиё», 2019. - С.61-63

[6].. **Хайруллозода К.**. Равишҳои омӯзиши таърихи минтақаҳои ҷуғрофӣ (дар мисоли таърихи қалъаҳои асримиёнагии Истаравшан// Маводи конференсияи таълимӣ-методии ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами таълим дар замони муосир». Хуҷанд,27-28 ноябри соли 2018. - Хуҷанд,«Нури маърифат», 2018. – С.327-331

[7]. **Хайруллозода К.** Изображения лука и стрел в петроглифах Таджикистана//Сообщение исторического музея Согдийской области, №4. - Худжанд, «Нури маърифат», 2018. - С.240-250.

[8]. **Хайруллозода К.** Вклад узбекских учёных в изучение памятников истории Южного Илака (мақолаи илмӣ бо забони русӣ) //Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Ҳамкории иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон: таърих ва замони муосир» (Хуҷанд, 21-22-юми июни соли 2019). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. - С.865-868.

[9]. **Хайруллозода К.** Пешвои миллат ва бунёди мактаби сулҳофаринӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ//Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии

«Пешвои миллат эҳёгари тамаддуни тоҷикон» (Хуҷанд, 29 октябри соли 2019). – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 603 с.-С.94-96.

[10]. **Хайруллозода К.** Вклад Арендаренко Г.А. в изучение истории и культуры народов Средней Азии// Суханшиноси ҷавон. Маҷмуааи мақолаҳои олимони ҷавон. Қисми 2. - Хуҷанд:Ношир, 2020. - С.342-352.

[11]. **Хайруллозода К.** Аз таърихи омӯзиши археологӣ-бостонии Истаравшан//Маводи конференсияи илмӣ-амалии вилоятии «Мақоми ҷавонон дар рушди илм». - Хуҷанд: Меъроҷ, 2020. - С.456-460

[12]. **Хайруллозода К.** Бузургдошти ёдгориҳои таърихӣ //Дар маҷмӯаи мақолаҳои илмии «Муаммоҳои омӯзиши фанҳои табиию риёзӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим». - Хуҷанд: Меъроҷ, 2020.-С.297-301. (ТДБ-74.03(5Т),ТДУ-37.0(575.3), М75. ISBN 978-99975-72-33-2.

Дар маҷмӯъ Хайруллозода Кароматулло аз ӯҳдаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузоштарро пурра иҷро намудааст. Ҳамин тариқ қайд кардан зарур аст, ки мазмун мундариҷаи таҳқиқот, маводҳои дар диссертатсия истифодашуда, ҷамъаҳои назариявию методологии диссертатсия бо ихтисоси 07.00.02- таърихи ватанӣ(таърихи халқи тоҷик) мувофиқат менамоянд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ, хулосаҳои илмӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқарар намудани комиссияи олии аттетсатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло дар мавзӯи **«Таърихи омӯзиши археологии Тоҷикистони Шимолӣ дар замони Шӯравӣ (солҳои 1929-1989)»-и** барои дарёфти дараҷаи номзади илмӣ таърих аз рӯи ихтисосҳои 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров қабул карда шуд.

Дар ҷаласа 23 нафар, ки аз онҳо 3 нафар докторон, 9 нафар номзади илм, 3 нафар омӯзгори калон ва 8 нафар омӯзгор иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ:

«тарафдор» - 23,

«зид» - нест,

«бетараф»- нест,

(Суратҷаласаи кафедра № 2 аз 29 сентябри соли 2023).

**Мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,**
**н.и.т,, дотсент** **Н.Маҳмудова**

**Котиб** **С.Содиқов**

**Имзои Н.Маҳмудова ва С.Содиқовро**
**Тасдиқ менамоям:**
**Сардори РК ва КМ МДТ “ДДХ**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”** **Э.Наврӯзов**